# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-045 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич дар мавзӯи «Нақши таълими санъати тасвирӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич дар мавзӯи «Нақши таълими санъати тасвирӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд)» ба таҳқиқи муҳимтарини самтҳои педагогӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти муҳими илмӣ мебошад.

Ба фикри муаллиф, яке аз рукнҳои саодат дар зиндагии инсон ахлоқу маънавиёт ва фазилатҳои нек мебошад. Аз замоне, ки бани башар ба зиндагии мутамаддин рӯ овард, масъалаи тарбияи насли наврас, ба шуури ворисон ҷой додани асосҳои бунёдии тарзи зист ва тафаккури аҷдод яке аз масъалаҳои умдатарини ҷомеа гардида буд. Ҳар гуна шароити хоси таърихӣ, вобаста ба ниёз ва эҳтиёҷи ҷамъият, ақлу заковати инсонӣ ҳамеша беҳтарин ва самараноктарин роҳҳои таълиму тарбияро ба арсаи олами маънавӣ пешниҳод мекард.

Мирзабоев З.З. чунин мешуморад, ки тарбияи ахлоқии мардум дар ягонагӣ ва муҳаббат ба Ватан, пеш аз ҳама, дар хона, аз ҷумла кори оила, дар кӯдакистон, дар муассисаи таҳсилоти миёна ба воситаи истифодаи васеи санъати тасвирӣ бояд оғоз гардад. Танҳо дар ин сурат, дар кӯдакон муҳаббат ба анъанаҳои миллӣ, эҳтиром ба меҳнат, ба

дастоварҳои санъат, эҳтиром ба тамоми зуҳуроти ахлоқию зебопарастии дигар халқҳо пайдо мегардад.

Муаллиф ҳангоми мавриди таҳлил қарор додани сарчашмаҳои илмӣ, адабиёт ва рисолаҳои дифоъшуда ба чунин хулоса омадааст, ки дар мамлакати мо то ҳол таҳқиқоти алоҳидае оид ба муаммои мавриди назар гузаронида нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавзӯи таҳқиқгардида яке аз масъалаҳои зарурӣ дар илми педагогика ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ баҳри ҳалли муаммоҳои мавҷуда оид ба ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон дар дарсҳои санъати тасвирӣ бозёфтҳои нави илмиро соҳиб мешавад, ки барои ғанӣ гардонидани назария ва ҳам амалияи илми педагогика мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия он нуктаҳои илмие, ки пешниҳод шудааст дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, чунин инъикос ёфтааст: муайян намудани арзишҳои ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастии асарҳои санъати миллии тасвирӣ; коркарди технологияи таъсиррасонӣ ба ташаккули шуур ва фарҳанги миллии хонандагон тавассути асарҳои санъати миллии тасвирӣ; ошкор намудани имкониятҳои истифодаи асарҳои санъати миллии тасвирӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ, дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба расмкашӣ аз рӯи асл, расмкашии мавзӯи, ороишӣ, ҳангоми омӯзиши асосҳои санъатшиносӣ, гилкорӣ ва дизайн;

Натиҷаи корҳои озмоишӣ шаҳодат медиҳад, ки методикаи омӯзиши санъати тасвирии коркарднашуда дар синфҳои 5 – 7 бо муқоисаи методи сухбат натиҷаи мусбӣ медиҳад ва барои ҳалли бо муваффақияти масъалаҳои тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ мусоидат менамояд.

Омӯзиши сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон бо методикаи пешниҳод намудаи муаллиф, на танҳо барои баланд бардоштани сатҳи тарбияи ахлоқӣ ва зебопарастии онҳо имкон

медиҳад, балки барои ғанӣ гардонидани ҳиссиёти рӯҳӣ ва маънавӣ, сохти завқи бадеӣ, доронияти дониши техникӣ, дар онҳо ташаккул додани малака ва маҳорат, инчунин омодагии меҳнатӣ таҷрибавиро барои меҳнат ва интихоби касб мусоидат менамояд.

Барои соҳиб шудан ба ҳадафи ниҳоии таҳқиқот Мирзабоев З.З. марҳилаҳои зарурии таҳқиқотро омӯхта, он дар мазмун ва мундариҷаи сохтори диссертатсия инъикос гардидааст.

Натиҷаи асосии таҳқиқот дар 22 номгӯи корҳои илмӣ вобаста ба муаммои таҳқиқшуда инъикос ёфтааст.

Кори таҳқиқотии муаллиф аз он далолат медиҳад, ки дарк кардани асарҳои санъати тасвирӣ он гоҳ бештар воқеӣ (объективӣ) мегардад, ки агар хонандагон хусусиятҳои услубии бо забони нақши бадеии намуди муайяни санъат ифодакардашудаи онро дарк кунанд. Фаҳмидани ин забон ба инкишофи дарки бадеӣ, эҳсосоти зебоипарастӣ ва фикррони намунавии хонандагон ёрӣ мерасонад.

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо инчунин камбудиҳо дида мешаванд:

1. Дар ҳаҷми маҳдуд таҳлили сарчашмаҳои илмии олимони тоҷик аз рӯи муаммои таҳқиқшаванда оварда шудааст.
2. Муаллиф ҳангоми таҳияи рисола ба хатогиҳои техникӣ ва баъзан ба хатоҳои имлоӣ роҳ додааст.
3. Дар боби якуми диссертатсия иқтибосҳо камтар истифода бурда мешуданд, аз манфиат холӣ намебуд.

Қайд кардан лозим аст, ки он норасогиҳои зикр гардида, шакли тавсиявӣ дошта, ба мундариҷа ва сатҳи илмии рисола таъсири манфӣ нахоҳанд расонид.

Таҳқиқоти илмӣ бо талаботи банди 44-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 ба тасдиқ расидааст,

комилан мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегарданд.

Муаллиф автореферАтро дар мутобиқи мундариҷаи таҳқиқот таҳия намуда, он мӯҳтавои асосии диссертатсияро дарбар мегирад. Ба он натиҷаҳои илме, ки муаллиф соҳиб шудааст, мутобиқ ба ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирзабоев З.З. ҳолати бидуни иқтибос истифода шудани мавод мушоҳида карда намешавад. Маъхази ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда нишон дода шудааст.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба назари эътибор гирифта, комиссияи ташхисӣ пешниҳод менамояд:

1.Диссертатсияи Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич дар мавзӯи «Нақши таълими санъати тасвирӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) ба шӯрои диссертатсионии 6D КОА-045 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1) Латифзода Диловар Назришоҳ - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мурзо Турсунзода.

2) Манонова Раънохон Абдураҳмоновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.

3.Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

4.Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат ба ҳукуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Ҳоҷаева М.Ҷ.

**Аъзоёни комиссия:**
номзади санъатшиносӣ, дотсент
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Исоев А.Б.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Холматов Ҷ.М.